ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ
АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко, 69, тел. ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 221-75-25

аз «23» 04 соли 2020, №1-5/3115 ш. Душанбе

Ба Намояндагони Эътилофи
ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа
ва беҷазоӣ дар Тоҷикистон

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости Намояндагони Эътилофи ҷомеаи шаҳрвандӣ зидди шиканҷа ва беҷазоӣ дар Тоҷикистонро, ки 20 апрели соли равон ба вазорат ворид гардида буд, мавриди баррасӣ қарор дод. Ҳамзамон, аз ҷониби худ изҳор менамоем, ки мо ташаккул ва бозтоби ҳаводисро дар мавриди пандемияи саросарии коронавирус, ки нигаронии ҷомеаи башар, аз ҷумла, ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистонро ба миён овардааст, аз мадди назар дур накарда, омодаем ҳамкории пайвастаро бо шумо дар мавриди пешгирӣ ва мубориза бо ин вабои аср идома диҳем. Зимнан, вобаста ба саволҳои пешниҳоднамудаи Шумо чунин посух медиҳем.

**Савол:** Омори бемориҳои сирояткунандаи вирусии илтиҳоби шуш (пневмония), сил, (туберкулез), домана (брюшной тиф) дар семоҳаи аввали соли 2019 ва соли 2020 ба чанд мерасад?

Ҷавоб: Шумораи бемории илтиҳоби шуш (пневмония) дар семоҳаи аввали соли 2019-5192 нафар, дар семоҳаи аввали соли 2020-5023 нафар, бемории сил дар семоҳаи аввали соли 2019-1218 нафар, дар семоҳаи аввали соли 2020-1137 нафар, бемории домана (брюшной тиф) дар семоҳи аввали соли 2019 ба қайд гирифта нашуда, давоми семоҳаи аввали соли 2020-15 нафар ба қайд гирифта шудааст.

**Савол**: Барои духтурон ва табибон ҳангоми муайян намудани/шудани ҳолатҳои шубҳанок ва ё аломатҳои Covid-19 (коронавирус), кадом протоколҳо ва ё амалҳо таҳия карда шудаанд? Онҳо бояд чӣ гуна амал намоянд ва огоҳ мекунанд?

**Ҷавоб:** Ҳанӯз 23 январи соли 2020 аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии интиқоли бемории коронавирус ба ҷумҳурӣ дар назди вазорат ситоди доимоамалкунанда таъсис дода шуда, Нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ гардида, он ба тамоми муасисаҳои табобатию профилактикии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ирсол гардидааст.

Ҳамзамон, то имрӯз аз ҷониби мутахассисон протоколҳои клиникии муваққатии «Пешгирӣ, ташхис ва табобати сирояти короновируси нави COVID-19 дар байни кӯдакон», дастурамали муваққатӣ «Оид ба муоина, ташхис ва табобати бемории сироятии коронавируси нави COVID-19 (барои табибон)», модули омӯзишӣ «Оид ба пешгирӣ, муоина, ташхис ва табобати бемории сироятии коронавируси нав COVID-19», «Алгоритми дарёфт, ташхис ва интиқоли бемори коронавируси нав COVID-19», дастурамал «Доир ба гузаронидани чорабиниҳои безараргардонӣ (дезинфексионӣ) барои пешгирии коронавируси нави COVID-19», дастурамал «Оид ба фаъолияти гурӯҳҳои мобилии зудамал бо мақсади пешгирии воридшавӣ ва паҳншавии сирояти коронавируси нави COVID-19 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дастурамал «Оид ба хизматрасонии тиббию санитарӣ ва иҷтимоӣ ба гумонбарон ва сироятёфтагон бо сирояти коронавируси нави COVID-19» ва дигар ҳуҷҷатҳо омода гардидаанд, ки дар ҳамаи он тавсия ва дастурҳои зарурӣ ва амалҳои лозимӣ барои кормандони соҳаи тиб дарҷ гардидаанд.

**Савол:** Бо назардошти он ки эътимоднокии тестҳои санҷишӣ дар Русия зери шубҳа гузошта шуданд ва маҷмӯи тестҳое, ки дар Хитой истеҳсол мешаванд, нуқсон доранд, мехостем дақиқ намоем, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои азнавсанҷии натиҷаҳои тестӣ ва таҳлил чӣ кор мекунад? Оё ин тестҳо аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаштаанд? Оё онҳоро ТУТ (ВОЗ) тасдиқ кардааст?

**Ҷавоб:** То имрӯз Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо мақсади муайян намудани сирояти коронавируси нави COVID-19 23 000 системаҳои тестӣ аз Федератсияи Россия, 22 000 системаҳои тестӣ аз Ҷумҳурии Мардумии Чин ва 1 900 системаҳои тестӣ аз Олмон тавассути ТУТ дастрас намудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамаи ин тестҳои мазкур аз ҷониби Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) озмуда шудаанд ва дорои сертификати сифат мебошанд.

**Савол:** Дар мусоҳиба бо сардори Сарраёсати назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Иброҳим Бобоназаров иброз дошт, ки натиҷаҳои санҷиш ба шаҳрҳои Лондон ва Москва фиристода мешаванд. Онҳо чӣ гуна фиристода мешаванд, худи санҷишҳо ё бозёфтҳо ва ё натиҷаҳои лабораторӣ дар Тоҷикистон хулосабарорӣ карда шуда?

**Ҷавоб:** То баста шудани хатсайрҳои ҳавоӣ ба хориҷи кишвар намунаҳои таҳлилӣ барои баҳодиҳии сифати кори озмоишгоҳи вирусологии Хадамоти назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (ХНДТ ва ҲИА) ба шаҳрҳои Москва, Новосибирск ва Лондон ба озмоишгоҳҳои референсии Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) ирсол мегардиданд. Ва натиҷа ҳамон натиҷаеро нишон медод, ки дар озмоишгоҳи вирусологии хадамоти мазкур баҳогузорӣ карда буд.

**Савол:** Пас аз қатъ шудани ҳаракати ҳавоӣ, санҷишҳо /бозёфтҳо/натиҷаҳои лабораторӣ чӣ тавр дубора санҷида мешаванд?

**Ҷавоб:** Мутаассифона, пас аз баста шудани хатсайрҳои ҳавоӣ имкони ирсоли намунаҳо ба хориҷи кишвар нест ва айни ҳол намунаҳо равон карда намешаванд.

**Савол:** Ҳангоми хулосабарорӣ намудан ва ё натиҷагирӣ кардан, кадом арзёбии иловагӣ (муаррифии клиникӣ, томография ва нишонаҳои компютерӣ, санҷиши умумии хун, санҷиши биохимиявӣ) барои муайян кардани тағйирёбии хусусияти пневмония ва ё коронавирус ба назар гирифта мешавад?

**Ҷавоб:** Зимни хулосабарорӣ ва ё натиҷагирӣ барои гузоштани ташхиси бемор аз ҷониби табибон илова ба таҳлили лабораторӣ барои дарёфти сирояти коронавирус, инчунин акси рентгенӣ, томографияи компютерӣ, таҳлили умумии хун ва балғам низ ба инобат гирифта мешавад.

**Савол:** Кадом лабораторияҳои кишвар ваколат доранд ва метавонанд дар бораи натиҷаҳои санҷиши коронавирус хулоса бароранд?

**Ҷавоб:** Барои гузаронидани таҳлили лаборатории сирояти коронавируси нави COVID-19 тибқи талаботи Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ (ТУТ) озмоишгоҳи дорои бехатарии биологии дараҷаи 2-юм тавсия дода мешавад, ки айни ҳол танҳо Озмоишгоҳи тандурустии ҷамъиятии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯи чунин талабот мебошад.

**Савол:** Дар кадом минтақаҳои кишвар томографияи компутарии вентилятсияи сунъии шуш вуҷуд надорад?

**Ҷавоб:** Савол ин ҷо нодуруст баён карда шудааст, аммо мақсади шуморо фаҳмидем. Бояд гуфт, ки дар тамоми манотиқи кишвар, аз ҷумла дар марказҳои тиббии вилоятҳои мамлакат таҷҳизоти компютерии томографӣ мавҷуд буда, ҳамзамон, дар онҳо барои табобати беморони эҳтимолии коронавирус дастгоҳҳои нафасдиҳии сунъӣ мавҷуд мебошанд.

**Савол:** Дар Русия ва дар як қатор кишварҳои Аврупо қарор қабул карда шуд, ки ҳама ҳолатҳои зуком (ОРВИ)[4] ба карантин ва ҳамчун гумонбарӣ ба коронавирус арзёбӣ карда шаванд. Вазорати тандурустии Тоҷикистон дар ин бора кадом чораҳоро ба нақша гирифтааст?

**Ҷавоб:** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳамаи кормандони тиб дастур дода шудааст, ки ҳамаи ҳолатҳои бемориҳои шадиди роҳҳои нафас (БШРН) ва зуком пурра таҳти назорат (карантин) қарор дода шуда, зимни дарёфти ҳолатҳои илтиҳоби шуш ва роҳҳои нафас фавран ба табобати зиддивирусию зиддибактериявӣ фаро гирифта шаванд.

**Савол:** Вазорати тандурустӣ барои омӯзиши кадрҳои тиббӣ, хусусан кормандони миёнаи тиб дар минтақаҳо ва ноҳияҳои дурдаст, барои фарқ кардани бемории коронавирус аз пневмония кадом чораҳоро андешида истодааст?

**Ҷавоб:** Дар доираи расонидани кӯмаки дастурию методӣ ва шӯъбаҳои таълимию клиникии тибби оилавӣ дар байни кормандони шабакаи муассисаҳои КАТС 112 даврҳои таълимӣ, аҳолии вобасташуда 226 вохӯрии иттилотӣ ва зиёда аз 2500 машварати корӣ оид ба «Пешгирии сирояти коронавирус ва дигар сироятҳои вирусии ҳамшабеҳи коронавирусҳо» гузаронида шуданд. Ҳамзамон, дар байни аҳолӣ 1500 адад варақаҳои иттилоотӣ, 3500 адад буклет, 800 адад брошураҳо ва овезаҳо тақсим гардида, дар шабакаи муассисаҳои КАТС гӯшаҳои иттилоотии «Тавсияҳо оид ба пешгирии коронавирус» ташкил карда шудаанд.

Дар баробари ин, дар асоси фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ» дар асоси тавсияҳои Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ модули таълимии «Алгоритми стандартии оперативӣ оид ба назорати сирояти нави коронавирусӣ дар сатҳи шабакаи муассисаҳои тандурустӣ» омода гардида, дар асоси он 49 323 нафар кормандони шабакаи муассисаҳои махсусгардонидашуда, госпиталӣ ва КАТС-и ҷумҳурӣ ба даврҳои омӯзишии сайёр фаро гирифта шуданд.

Ҳамчунин, ба шумо иттилоъ медиҳем, ки дар байни аҳолӣ низ корҳои зиёди фаҳмондадиҳӣ тавассути тамоми расонаҳои иттилоотии кишвар, телевизион, радио, матбуот, сомонаҳо рафта истодааст. Ҳамчунин, Маркази ҷумҳуриявии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни аҳолии мамлакат 53 ҳазору 409 адад овеза, 60 ҳазор буклет, барои макотиби миёна 16 ҳазору 370 адад барчасп (наклейка) ва барои муассисаву ташкилотҳои гуногун илова бар овезаҳо 2284 дона диск ва 290 дона флешкаҳои дорои роликҳои пешгирии сирояти коронавирус тақсим намуданд.

**Савол:** Оё воридот/истеҳсоли тестҳои экспресс, ки худи шаҳрвандон тавонанд харидорӣ намоянд ва санҷиш гузаронанд ба нақша гирифта шудааст? Оё дар заминаи клиникаҳои/озмоишгоҳҳои хусусӣ барои коронавирус гузаронидан ва таҳлил кардан имкон дорад?

**Ҷавоб:** Айни ҳол дастрас намудани тестҳои экспрессӣ мушкил аст, чунки аксар кишварҳои истеҳсолкунандаи он содироти чунин маводро ба дигар кишварҳо манъ намудаанд. Албатта, бо дастрасии имконият мо низ метавонем аз чунин усули ташхис истифода намоем.

Бояд таъкид намоем, ки дар заминаи клиника ва ё озмоишгоҳҳои хусусӣ гузаронидани таҳлил барои дарёфт намудани сирояти коронавируси нав COVID-19 имконият танҳо пас аз таъмин намудани дараҷаи 2-юми бехатарии биологӣ пайдо мегардад.

Муовини вазир М. Камолзода